*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН • НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА •

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 10 (658),
12 марти
соли 2026

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# МУЛОҚОТ БО ПРЕЗИДЕНТИ БОНКИ ОСИЁИИ РУШД МАСАТО КАНДА



**4 март Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Бонки Осиёии Рушд Масато Кандаро ба ҳузур пазируфтанд.**

Сарвари давлат Масато Кандаро ба муносибати интихоб шуданаш ба мансаби Президенти Бонк табрик гуфта, ташрифи нахустини мавсуфро ба Тоҷикистон нишонаи таваҷҷуҳи махсуси ин ниҳоди молиявӣ ба таҳкими ҳамкории дарозмуддати ҷонибҳо арзёбӣ намуданд.

Дар ҷараёни суҳбат ба сатҳи кунунии ҳамкорӣ ва саҳми Бонк дар татбиқи ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баҳои баланд дода шуд. Таъкид гардид, ки Бонки Осиёии Рушд яке аз шарикони асосии кишвари мо ба шумор рафта, давоми солҳои ҳамкорӣ барои татбиқи зиёда аз 200 лоиҳа ба маблағи умумии 2,9 миллиард доллар саҳм гузоштааст.

Ҷонибҳо аз қабули Стратегияи нави шарикии Бонк ва Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 изҳори қаноатмандӣ намуданд. Таъкид шуд, ки самтҳои асосии он, аз ҷумла рушди энергетика, нақлиёт, рақамикунонӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва таҳкими бахшҳои иҷтимоию хусусӣ, ба ҳадафҳои миллии Тоҷикистон комилан тавъам мебошанд.

Ба раванди татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид. Сарвари давлат барои дастгирии буҷети давлатӣ ва пешбурди ташаббусҳо дар самти ташаккули иқтисоди «сабз» ба Бонк изҳори сипос карданд.

Ҳамчунин, дурнамои густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои маориф, муқовимат ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин замина ҷалби маблағгузории иловагӣ ва идомаи ислоҳоти сохторӣ барои рушди сармояи инсонӣ ва таъмини амнияти экологии минтақа зарур дониста шуд.

Ҷонибҳо омодагии худро ба таҳкими ҳамкории дарозмуддати судманд таъкид намуда, изҳори итминон карданд, ки натиҷаҳои мулоқоти имрӯза ба рушди минбаъдаи шарикии стратегӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд мусоидати муассир хоҳад кард.

**www.prezident.tj**



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА СОЛИ... - саҳ. 2



ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА СОЛИ... - саҳ. 4



РАИСИ ВИЛОЯТ БА АЁДАТ ВА ТАБРИКИ... - саҳ. 5



ТАБОБАТИ БОСИФАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР-саҳ. 7

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО-2025

*(Аввалаш дар шумораи гузашта)*

## СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

***Соли 2025 Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати хориҷӣ ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки дар меҳвари онҳо, пеш аз ҳама, баланд бардоштани обруву нуфузи кишвар дар минтақа ва ҷаҳон қарор дорад.***

Воқеаи басо фараҳбахши ин сол ҳал шудани масъалаҳои сарҳадӣ миёни кишвари мо бо Ҷумҳурии Қирғизистон ба шумор меравад, ки тайи беш аз сад соли охир баҳсталаб буд.

Баимзорасии шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз дигар падидаҳои неки сол ба шумор мераванд, ки барои дӯстии ҷовидонаи кишварҳои минтақа муҳри тасдиқ заданд.

Ҳамчунин, Тоҷикистон барои амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки бо ташаббуси кишвари мо қабул шуда буд, нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро мизбонӣ намуд. Дар он намояндагони кишварҳои зиёд ва бонуфузтарин созмонҳо меҳмони ватани азизи мо буданд.

Тавассути қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси дигари кишвари мо - «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид, ки барои ба технологияҳои навин пайвастани минтақа қадами устувор аст.

Қабул гардидани ташаббуси нави Тоҷикистон зери унвони «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ», агар барои ҳифзи ҳаёт дар рӯи замин нигаронда шуда бошад, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хутали қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж баёнгари эътирофи Тоҷикистон ҳамчун яке аз гаҳвораҳои фарҳангу тамаддун аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.




Гузашта аз ин, моҳи декабр бо иқдоми кишвари мо аз ҷониби СММ соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» эълон шуд, ки ин ташаббус низ барои тақвияти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тамоми сокинони рӯи замин нигаронида шудааст. Ин чанд далел ифодаи эътирофи ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон ва ҳамзамон, дар фикри беҳбуди ҳаёти башар будани сарзамини мост.

Дар ин баробар, сафарҳо ва иштироку суханрониҳои Пешвои миллат дар конфронсу ҳамоишҳои сатҳи баланд барои шиносоии шоистаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва боло бурдани нуфузу эътибори он ҳамчун кишвари ташаббускор ва сулҳпарвари ҷаҳон нақши бориз гузоштанд.

Сафарҳои роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва баргузории ҳамоишу конфронсҳои сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе бошад, ҳамоно Тоҷикистонро ҳамчун кишвари амну осоишта ва пешрафтаву мутараққӣ муаррифӣ менамояд.

Дар маҷмуъ, соли гузашта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 11 кишвари дунё 20 сафари пурмаҳсули давлативу расмӣ ва корӣ анҷом доданд.

## ТАНТАНАИ НАВРӮЗ

***Ё саҳми боризи Пешвои миллат дар тақвияти дӯстӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ***

Тавре дар боло зикр кардем, муҳимтарин дастоварди сиёсати хориҷии кишвар дар соли 2025 ин имзои Шартнома миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ дар шаҳри Хуҷанд буд, ки дар айёми Наврӯз мужда аз ҳамдилии миллатҳо дод. Ба ин муносибат 31 март Сарони давлатҳои Қирғизистону Узбекистон муҳтарам Садир Жапаров ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев бо сафари корӣ барои мулоқоту музокироти сеҷониба, иштирок дар тантанаҳои идонаи Наврӯзи байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳои муштарак ба шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ташриф оварданд.

Билохира, Тоҷикистон бо хиради волои Сарвари ботадбираш ба баҳси 100-солаи марзӣ бо ҳамсояи наздикаш - Қирғизистон на танҳо нуқта гузошт, балки Аҳдномаи дӯстии ҳамешагиро бо ин кишвар ва ҳамсояи дигарамон Узбекистон ба имзо расонд, ки саҳифаи тозаву ибратомӯзи китоби сулҳи дунёст.

Зимни мулоқотҳои дуҷониба бо роҳбарони кишварҳои дӯсту бародар вазъ ва дурнамои муносибатҳои дуҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифта, боз ҳам таҳким бахшидани ҳамкории тиҷоратию иқтисодиро бо тавaҷҷуҳ ба афзун намудани ҳаҷми гардиши мол ба манфиати тарафҳо донистанд.

Дар мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баимзорасии Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишварро рӯйдоди басо муҳим унвон намуданд. Изҳори итминон гардид, ки бо имзо шудани ин санади таърихӣ дар муносибатҳои Тоҷикистон бо Қирғизистону Узбекистон марҳалаи сифатан нави рушд оғоз меёбад.

Ифтитоҳи фосилавии сутуни рамзӣ дар нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии Тоҷикистон ва Қирғизистону Узбекистон, ки дар доираи мулоқоти сеҷониба доир гашт, ифодагари дӯстии ҷовидонаи мо бо ҳамсоягон аст.

Ғайр аз ин, яке аз воқеаҳои фараҳбахши дигар, ки зимни ташрифи Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон муҳтарам Садир Жапаров ба кишвари мо рух дод, дар фазои тантанавӣ ба истифода додани қитъаи Датка-Суғди хатти 500 кВ-и интиқоли барқи CASA-1000 буд.

Имзои Протоколи мубодилаи тасдиқномаҳои Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи муносибатҳои ҳампаймонӣ, ки баъди мулоқоти хоса дар фазои мутантан сурат гирифт, аз сатҳи нави ҳамкорӣ бо ин кишвари дӯсту бародар дарак медиҳад.

Ҳамин аст, ки тантанаи Наврӯзи байналмилалӣ беш аз ҳар вақти дигар ғулғула андохт ва аз қалби Тоҷикистон то ба гӯши аҳли олам расиду номи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар дар саросари дунё чун раҳбари сулҳҷӯву сулҳхоҳ вирди забонҳо гашт. Чеҳраҳои саршиноси олами сиёсату фарҳанги ҷаҳон аз таҷрибаи сулҳоварии Сарвари давлати мо ва ҳусни ҳамсоягии се кишвари Осиёи Марказӣ гуфтанду аз Созмони Милали Муттаҳид сар карда, то соири кишварҳо шодбош гуфтанд.

Бояд таъкид намуд, ки ин руйдодҳои таърихӣ ба таъмини амну субот, рушди устувор ва болоравии нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ мусоидат намуд.

Ин буд, ки, аз ҷумла, моҳи сентябри соли 2025 ба Президентҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон Ҷоизаи байналмилалии сулҳи ба номи Лев Толстой дода шуд. 21 декабр ҷоиза дар Консерваторияи давлатии Санкт-Петербург дар вазъияти тантанавӣ ба роҳбарони ин кишварҳо барои саҳми бузургашон дар таҳкими сулҳу амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ тақдим карда шуд.

## ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Имкониятҳои нав барои рушди устувор ва шукуфоӣ***

Соли 2025 кишварҳои Осиёи Марказӣ ба марҳалаи нави рушд ворид шуд. Дар минтақа фазои эътимод, ҳамсоягии нек ва эҳтироми

*(Идома дар саҳ. 3)*

*(Идома аз саҳ. 2)*

мутақобила заминаи пешрафти муштаракро фароҳам овард, ки ин раванд дар натиҷаи фаъолияти мақсаднок ва идораи дурусти сиёсии роҳбарони давлатҳо ба даст омадааст. Ин нукта моҳи ноябри соли 2025 дар пойтахти Узбекистон - шаҳри Тошкент дар вохӯрии ҳафтуми машваратии сарварони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки дар он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд, махсусан таъкид гардид. Бояд гуфт, ки вохӯрии навбатӣ аз ҳамоишҳои қаблӣ ба куллӣ фарқ дошт. Яке аз афзалиятҳои асосии вохӯрӣ ҳамчун узви комилҳуқуқ ба ҷаласаҳои машваратӣ ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Озарбойҷон маҳсуб меёбад. Дар он сарварони кишварҳои аъзо созишномаҳои ҳамкориро дар бахшҳои гуногун ба имзо расонданд, ки рушди минбаъдаи кишварҳои Осиёи Марказиро дар оянда муайян мекунанд. Ҳамчунин, дар ҳамоиш доираи васеи масъалаҳои мубрами робитаҳои кишварҳои минтақа, дурнамои тавсеаи ҳамкорӣ дар самти таъмини рушди устувори иқтисодӣ, таҳкими заминаи муносибатҳои дӯстӣ ва накуҳамсоягӣ, масъалаҳои рушди минбаъдаи фазои фарҳангӣ ва гуманитарӣ баррасӣ гардид.

Бояд махсус таъкид кард, ки баъд аз ҳалли пурраи масоили сарҳадӣ миёни Тоҷикистон, Қирғизистон ва Узбекистон ва имзои Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ тавассуҳи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба Осиёи Марказӣ бештар гардида, ҳамоишу вохӯриҳо бо кишварҳои минтақа дар қолабҳои нав рӯи кор омаданд, ки формати “Осиёи Марказӣ плюс” аз ҷумлаи онҳост. Ғайр аз ин, мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои энергетикӣ ва сарватҳои табиию зеҳнии кишварҳои минтақа уфуқҳои навро барои густариши ҳамкории тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангию гуманитарӣ бо кишварҳои олам мекушояд.

Соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишҳои Сарони кишварҳои аъзои қолабҳои “Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо”, “Осиёи Марказӣ - Италия”, “Осиёи Марказӣ - Чин”, “Осиёи Марказӣ - Русия”, “Осиёи Марказӣ - Иёлоти Муттаҳидаи Амрико” ва “Осиёи Марказӣ - Ҷопон” иштирок намуданд.

Аз ҷумла, 3 апрел дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон Ҳамоиши “Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо” доир гашт.

Зимни суханронӣ Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупоро дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон номида, таъкид карданд, ки густариши ҳамкорӣ ба тақвияти бахши хусусӣ ва сармоягузорӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва тавсеаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ мусоидат менамояд.

Дар мулоқотҳо бо Президенти Шурои Иттиҳоди Аврупо Антониу Кошта, Президенти Комиссияи Иттиҳоди Аврупо хонум Урсула фон дер Ляйен ва Президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд хонум Одил Рено-Бассо, ки дар доираи ин ҳамоиш баргузор гардид, масоили ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуд. Ҳамзамон, Сарвари давлати мо дар ҳошияи ин ҳамоиш бо Президенти Ҷумҳурии Узбекистон мулоқот карда, дар Форуми сатҳи баланд таҳти унвони “Осиёи Марказӣ пешорӯи мушкилоти ҷаҳонии иқлим: муттаҳидшавӣ барои шукуфоии умумӣ” иштирок намуданд.

Ҳолати кунунӣ, густариши ҳамкорӣ ва дурнамои муносибатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ 30 май дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҳамоиши нахустини “Осиёи Марказӣ ва Италия”, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он иштирок намуданд, матраҳ гардид. Таъкид шуд, ки натиҷаҳои ин нишаст барои тақвияти робитаҳои Осиёи Марказӣ ва Италия такон хоҳанд бахшид.

Зимни мулоқоти хоса бо Сарвазири Ҷумҳурии Италия Ҷорҷа Мелони тавсеаи робитаҳо дар бахшҳои фарҳангиву гуманитарӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ ва варзиш, маориф, ҷудо кардани бурсияҳои донишҷӯӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон, инчунин, кушодани филиалҳои мактабҳои таҳсилоти олии Италия дар кишвари мо аз мавзуъҳои муҳими суҳбат буд.

Ҷаласаи дигари дар ин қолаб баргузоршуда Ҳамоиши дуюми сарони давлатҳои “Осиёи Марказӣ - Чин” буд, ки ба ин муносибат 16 июн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вориди шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон шуданд.

Нахуст, 17 июн дар шаҳри Остона Сарвари кишвар бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин мулоқот намуданд. Дар вохӯрӣ вазъ ва дурнамои рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин баррасӣ гардида, як қатор санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат таъкид доштанд, ки таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ дар чаҳорчӯби ҳамоиши имрӯза метавонад дар расидан ба тамоми ҳадафҳои созандаи мо дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши муассир гузорад. Дар навбати худ, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин омодагӣ ва алоқамандии кишварашро ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ таъкид намуда, изҳор дошт, ки ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Чин мебошад.

Ҳамоиши Осиёи Марказӣ - Русия, ки 9 октябр кишвари мо онро мизбонӣ кард, дар Бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид.

Дар ин ҳамоиш сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Русия ширкат варзида, густариши робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, мусоидат ба афзоиши сармоягузорӣ, рушди ҳамкории гуманитарӣ ва таҳкими амнияти минтақавиро баррасӣ намуданд.



Дар ин баробар, ба масъалаҳои таҳкими робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ, инчунин саъю кӯшишҳои муштарак баҳри таъмини субот ва амнияти минтақавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Аз рӯйи натиҷаи кори ҳамоиш Эъломияи ҷамъбастии Ҳамоиши Осиёи Марказӣ - Русия ва Нақшаи амали якҷоя барои солҳои 2025-2027 қабул гардид.

Баргузории Ҳамоиши дуюми “Осиёи Марказӣ-Иёлоти Муттаҳидаи Амрико” (С5+1) аз рӯйдодҳои дигари муҳими соли 2025 ба шумор меравад.

Барои иштирок дар ин ҳамоиш 5 ноябр Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муҳтарам Доналд Трамп ба шаҳри Вашингтон сафар намуданд.

Сарвари давлати мо бо Президенти Амрико муҳтарам Доналд Трамп мулоқот намуда, масоили вобаста ба таҳким ва густариши робитаҳои ду кишварро баррасӣ намуданд.

Дар зиёфати кории Ҳамоиши дуюми “Осиёи Марказӣ-Иёлоти Муттаҳидаи Амрико” Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳамият ва роҳҳои рушди ҳамкории Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико андешаронӣ намуданд.

Зимнан, ба тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ, афзоиши гардиши мол миёни кишварҳо ва ҷалби сармоя ба соҳаҳоиояндадори Тоҷикистон таваҷҷуҳи хос зоҳир гардид.

Бояд ёдовар шуд, ки дар ҳошияи ин дар шаҳри Вашингтон мизи мудаввари сатҳи баланди соҳибкорӣ байни Тоҷикистон ва Амрико баргузор гардид, ки дар он роҳбарони як қатор вазорату идораҳои Тоҷикистон ва доираҳои соҳибкорӣ, аз ҷониби Амрико бошад, намояндагони Конгресс ва Вазорати тиҷорати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, инчунин сардорони ширкатҳои маъруфи байналмилалӣ ширкат намуданд. Мизи мудаввар минбари муҳим барои тақвияти ҳамкории иқтисодии ду кишвар номида шуда, дар он имкониятҳои нави ҷалби сармоя, густариши савдо ва татбиқи навгониҳо миёни давлатҳо баррасӣ гардиданд. Аз рӯи натиҷаи кори мизи мудаввар байни ширкатҳои амрикоӣ ва доираҳои соҳибкории Тоҷикистону Амрико як қатор созишномаҳо ва ёддоштҳои ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, сармоягузорӣ, мубодилаи технологияҳо ва дигар бахшҳои иқтисод, аз ҷумла, байни ширкати ватании «Сомон Эйр» ва ширкати амрикоии «Боинг» шартномаи дарозмуҳлат оид ба хариди 14 ҳавопаймои муосир ба имзо расид.

Охирин ҷаласаи ин қолаб дар соли 2025 Ҳамоиши Муколамаи “Осиёи Марказӣ - Ҷопон” буд, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар он 18 декабр ба кишвари Ҷопон сафар намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Токио дар Ҳамоиши муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон иштирок ва суханронӣ намуда, дар Форуми тиҷоратии Осиёи Марказӣ + Ҷопон низ иштирок карданд.

Дар Ҳамоиши муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон ба густариши робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, рушди ҳамкории гуманитарӣ ва мусоидат ба афзоиши сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Ҳамзамон, дар Форуми тиҷоратии Осиёи Марказӣ + Ҷопон таъкид гардид, ки ҳадафи баргузории он таҳкими минбаъдаи муносиботи иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷопон, хусусан бо таваҷҷуҳ ба самтҳои рушди сабз ва устуворӣ, рақамикунонӣ, молия, зарфияти инсонӣ ва рушди низоми иҷтимоӣ барои тиҷорат мебошад.

## АЗ ДУШАНБЕ ТО НИТСА

**Аз эътирофи ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат то ҳамгироии миллатҳо**

Рӯзҳои 29-31 май Ҷумҳурии Тоҷикистон мизбони Конфронси аввали байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо буд. Зиёда аз 2500 кас аз 80 кишвари олам дар ин ҳамоиши муҳими сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намуданд. Зимни 8 форуми сатҳи баланд ва 17 чорабинии канории дар доираи Конфронс роҳандозишуда

*(Идома дар саҳ. 4)*




***(Идома аз саҳ. 3)***

паҳлуҳои муҳими масъалаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Бояд гуфт, ки барои инъикоси конфронс беш аз 450 хабарнигори васоити ахбори оммаи дохилу хориҷ, аз ҷумла 150 рӯзноманигор аз расонаҳои хориҷӣ номнавис шуда буд.

30 май Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ёдоварӣ аз обшавии босуръати пиряхҳо тайи даҳсолаи охир, бесобиқа будани ин раванд дар таърихи инсоният таъкид намуданд ва иттилоъ доданд, ки тибқи арзёбии коршиносон соли 2023 бузургтарин коҳиши солонаи ҳаҷми пирях ба қайд гирифта шуд. Дар натиҷа 600 гигатонна оби ошомиданӣ талаф ёфт, ки сабаби баландшавии сатҳи миёнаи уқёнуси ҷаҳонӣ гардид. Ғайр аз ин, тағйирёбии иқлим, аллакай, тақрибан сеяки пиряхҳои кӯҳиро дар саросари ҷаҳон аз байн бурд. Яъне, ин танҳо мушкилоти экологӣ нест, балки ба бисёр соҳаҳои ҳаёти инсоният алоқамандии зич дорад. Аз ин рӯ, ҳифзи онҳо барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор замина мегузорад.

Баъди суханронии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф ва як қатор масъулони коршиносони сатҳи баланд, роҳбарони ҳайатҳои ҳукуматҳои кишварҳо ва ташкилоту созмонҳои байналмилалию минтақавӣ сухан гуфта, ба ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти пиряхҳо ва ҳифзи онҳо баҳои баланд доданд. Аз рӯи натиҷаи кори нахустин Конфронс Эъломияи Душанбе оид ба ҳифзи пиряхҳо ва Даъвати Душанбе қабул гардид.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳошияи Конфронс Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як қатор намояндагони воломақоми кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мулоқот намуданд. Аз ҷумла, бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф, Ноиби Президенти Ҷумҳурии Гамбия Муҳаммад Яллоу, муовини якуми Президенти Ҷумҳурии Зимбабве Константино Чивенга, муовини аввали Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадризо Ориф, муовини Раиси Шурои машваратии сиёсии Ҷумҳурии Мардумии Чин, Раиси Кумитаи Созмони ҳамкории Шанхай оид ба ҳамсоягии нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ хонум Шэн Юэюэ, Дабири кулли Созмони ҷаҳонии метеорология Селеста Сауло, ноиби Президенти Бонки Осиёии Рушд Ингминг Янг, Директори иҷроияи Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) Кетрин Мери Рассел, муовини аввали Дабири кулли СММ Амина Муҳаммад, муовини Дабири кулли СММ, котиби иҷроияи ЭСКАТО Армида Салсиаҳ Алишаҳбана, Директори генералии Созмони ҷаҳонии исломӣ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ИСЕСКО) Салим ал-Молик ва директори иҷроияи Фонди иқлимии сабз Мафалда Дуарте вохӯриҳои Сарвари давлат доир гардид.

Воқеан, ҳоло ҷомеаи башарӣ дар ҳалли масоили обу иқлим ба вахдати сартосарӣ ниёз дорад, то фардои ҳаёт дар рӯи замин ҳифз шавад. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бошад, тайи беш аз 20 сол аст, ки ба масъалаи мазкур нигаронда шудааст ва Сарвари давлат аз меҳмонҳои ифтихории чорабиниҳои дар ин самт баргузоршаванда дар саросари ҷаҳон мебошанд.

Ҳамин аст, ки баъди Конфронси аввали байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо Пешвои миллат барои иштирок дар маросими ифтитоҳи Даҳсолаи байналмилалии илмҳои криосферӣ ва Конфронси сеюми СММ оид ба уқёнус (UNOC-3) ба шаҳри Нитсаи Фаронса сафар намуданд.

Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин чорабиниҳои байналмилалӣ ба ҳайси роҳбари давлати ташаббускор ва пешоҳанг дар умури ҷаҳонии обу иқлим аз ҷониби роҳбарияти давлати Фаронса ва созмони ЮНЕСКО даъват шуданд.

Хотиррасон бояд намуд, ки Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ), солҳои 2025-2034 аз ҷониби СММ бо пешниҳоди якҷояи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса қабул шудааст.

Нахуст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нитсаи Фаронса дар чорабинии сатҳи баланди оғози Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ), солҳои 2025-2034 иштирок ва дар Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба уқёнус суханронӣ намуданд. Дар кори конфронс 15 ҳазор иштирокдор аз 120 давлати ҷаҳон ва зиёда аз 70 созмони байналмилалию минтақавӣ, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои 50 кишвар ширкат варзид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Нитсаи Ҷумҳурии Фаронса дар ҳошияи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба уқёнус бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса муҳтарам Эммануэл Макрон ва Сарвазири Шоҳигарии Камбоҷа Ҳун Манет мулоқот анҷом доданд. Дар вохӯриҳо масоили густариши муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо баррасӣ гардид. Ғайр аз ин, Роҳбари давлат бо як қатор иштирокдорони ин ҳамоиши байналмилалии сатҳи баланд сӯҳбатҳои судбахш анҷом доданд.

Иштирок дар ин чорабиниҳои муҳим бори дигар нишон дод, ки Пешвои тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, на танҳо яке аз шахсиятҳои калидии минтақа мебошанд, балки дар кулли ҷомеаи башарӣ эътибори хос доранд. Бахусус ба хотири талошҳои пайваста ва ташаббусҳои ҷаҳонӣ дар роҳи тарғиби сулҳу субот ва пешбурди босамари дипломатияи глобалии обу иқлим, ки бо номҳои "Раванди зиддитеррористии Душанбе" ва "Раванди оби Душанбе" аз минбарҳои ҷаҳонӣ зикр мегарданд.

Ин аст, ки ҳамакнун ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳарфи Тоҷикистон гӯш медиҳад, пешниҳодҳояшро қабул менамояд ва мутобиқи он барномарезиҳои ҷаҳонӣ сурат мегирад.

# ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

***Раёсати босамари Тоҷикистон дар соли 2025***

Моҳи октябр шаҳри Душанбе мизбони ду ҳамоиши байналмилалӣ - ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ҳамоиши Осиёи Марказӣ-Русия буд. Ба ин муносибат сарони кишварҳои иштирокдори ИДМ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд.

Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин дар Душанбе, ҳамчунин, сафари давлатӣ дошт. Дар доираи сафари давлатии Президенти Федератсияи Русия ба Тоҷикистон аз рӯи натиҷаи мулоқоту музокироти сатҳи олӣ 16 санади нави ҳамкории байнидавлатию байниҳукуматӣ ба имзо расид.

Дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таваҷҷуҳи асосӣ ба такмили фаъолияти Созмон, тавсеаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиётиву логистикӣ, ҳамгироии рақамӣ, ҳамчунин, таъмини суботи энергетикӣ ва пешбурди фаъолонаи ҳамкории башардӯстона равона гардид. Ҳамзамон, ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва муқовимат ба хатару таҳдидҳои муосир аҳамияти хоса дода шуд. Пас аз суханронии сарони давлатҳо ва гузориши Дабири кулли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил санадҳои дахлдор қабул шуд.

Қобили зикр аст, ки дар доираи ин ҳамоиш бо Қарори Раёсати Хазинаи байнидавлатии ҳамкории башардӯстонаи кишварҳои иштирокдори ИДМ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали "Барои хизматҳо дар рушди ҳамкории башардӯстона" сарфароз гардонда шуданд.

Сарвари давлати мо ин ҷоизаро эътирофи баланди саҳми тамоми мардуми Тоҷикистон дар рушди робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарӣ дар доираи ИДМ маънӣ доданд.

Мавриди зикр аст, ки дар ин рӯзҳо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов, Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко мулоқотҳои судманди дуҷониба анҷом доданд.

Мулоқоти дуюми роҳбарони кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар вохӯрии ғайрирасмӣ дар шаҳри Санкт-Петербург доир гардид, ки дар он маҷмуи масоили ҳамкории байнидавлатӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию башарӣ баррасӣ шуд.

Раёсати босамари Тоҷикистон дар Иттиҳод дар соли 2025 махсусан таъкид гардид. Зимни вохӯрӣ таъкид шуд, ки дар давраи раёсати Тоҷикистон дар ИДМ беш аз сад чорабинӣ баргузор гашт.

Ҳамчунин, дар ҳошияи нишаст мулоқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин баргузор гардида, ҷанбаҳои муҳими ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Тоҷикистон ва Русия баррасӣ шуд.

Сарони давлатҳо куштори бераҳмонаи шаҳрванди 10-солаи Тоҷикистон Қобилҷон Алиевро шадидан маҳкум карда, зарурати тафтиши беғаразонаи ин ҷиноят ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳамаи гунаҳкоронро таъкид намуданд.

Президенти Федератсияи Русия муҳтарам Владимир Путин ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва наздикону пайвандони Қобилҷон Алиеви фавтида ҳамдардии амиқ баён намуда, таъкид дошт, ки чунин амалкардҳои террористӣ, бахусус нисбати кӯдакон аз доираи фаҳмиши инсонӣ берун аст. Сарони давлатҳо тасмим гирифтанд, ки ба мақомоти дахлдори ҳарду ҷониб дастур диҳанд, ки ҳамкорӣ дар мубориза бо чунин амалҳои зӯроварона тақвият диҳанд ва дар ин самт ҷораҳои фаврӣ андешида шаванд.

***(Давом дорад)***

# РАИСИ ВИЛОЯТ БА АЁДАТ ВА ТАБРИКИ МОДАРОНИ СОЛХӮРДА РАФТАНД

**6 март, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ба аёдати модарон Кенҷаева Меҳрӣ ва Бердиева Садаф рафта, онҳоро ба муносибати Рӯзи модар самимона табрик намуданд. Зимни мулоқот ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.**



Раиси вилоят зимни суҳбат саҳми ин бонувони собиқадорро дар ҷомеа баланд арзёбӣ намуда, барои фаъолияти содиқона ва тарбияи дурусти фарзандон изҳори сипосу миннатдорӣ карданд.

Кенҷаева Меҳрӣ Вафоевна соли 1942 дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд таваллуд шуда, аз соли 1965 инҷониб дар ноҳияи Кӯшониён зиндагӣ мекунад. Ӯ сокини ҷамоати шаҳраки Сомониёни ноҳияи Кӯшониён буда, соҳиби ду писар ва як духтар мебошад. Фарзандонаш дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият доранд.

Кенҷаева Меҳрӣ аз рӯи ихтисос табиби кӯдакона буда, беш аз 54 сол дар соҳаи тандурустӣ хизмат кардааст. Ӯ собиқадори меҳнати соҳаи тандурустӣ буда, бо унвони Аълочии тандурустии Тоҷикистон ва Ифтихорномаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Айни замон нафақахӯр мебошад.

Бердиева Садаф соли 1952 дар ноҳияи Ҳисор таваллуд шуда, айни ҳол сокини ҷамоати Хуррамдиёри деҳаи Тоҷварони ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Ӯ зиёда аз 44 сол дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия фаъолият намудааст. Аз ҷумла, 11 сол директори мактаб, солҳои 1993 -1995 котиби Кумитаи иҷроияи Шӯрои ноҳия ва мудири шуъбаи кор бо занон фаъолият кардааст. Айни замон ҳамчун мушовири шуъбаи маорифи ноҳия кору фаъолият менамояд.

Зимни аёдат раиси вилояти Хатлон ба модарони гиромӣ сиҳатмандӣ, рӯзгори осуда ва баракати зиндагӣ таманно намуданд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**



# АЁДАТИ МОДАРИ СОБИҚАДОР



**Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва Кумитаи иҷроияи шаҳри Бохтар бахшида ба Рӯзи модар аёдати як нафар модари собиқадор Ишназарова Лолахон, аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадори меҳнат сурат гирифт.**

Дар дидорбинӣ Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, Шукрона Маҳмадализода, муовини раис ва Ташрифзода Амиралӣ, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар иштирок ва суханронӣ намуданд.

Зимни суҳбат Саидзода Ҷамшед Ҳамро изҳор дошт, ки воқеан модари тоҷик дар тӯли таърих фарзандони далеру бонангу номус, паҳлавонони ҷасур ва абармардони хирадмандро ба камол расонида, онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намудааст. Аз ин рӯ, эҳтиром ва қадршиносии модар қарзи муқаддаси ҳар як инсон мебошад. Дар фарҳанги исломӣ низ ҷойгоҳи модар бисёр баланд мебошад. Ҳадиси машҳури Пайғамбари ислом, ки «Биҳишт зери қадамҳои модарон аст» аз бузургии ин олиҳаи меҳр шаҳодат медиҳад. Ин арзишҳои ахлоқӣ имрӯз дар сиёсати иҷтимоии давлати тоҷикон низ таҷассум ёфтаанд.

Тавре Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Модар воқеан нахустустоди башарият аст ва фарзанд каломи аввалинро аз ӯ меомӯзад. Ҳар модаре, ки соҳиби саводу дониш ва таҷрибаву ҷаҳонбинӣ мебошад, фарзанди ӯ ҳам босаводу хушахлоқ ба воя мерасад".

Аз ин ҷост, ки фаъолону собиқадорони ҳизбу меҳнат ҳамеша зери таваҷҷуҳи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, идома додани анъанаи неки ниёгон, арҷгузорӣ ба заҳматҳои собиқадорон яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ ба ҳисоб меравад, зикр намуд раиси Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб.

**"Ҳамрози халқ"**

# АРҶГУЗОРӢ БА ЗАҲМАТИ ШАБОНАРӮЗИИ МОДАРОН



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон бахшида ба Рӯзи модар дар маркази шаҳри Бохтар аксияи идона баргузор гардид.

Дар ин иқдоми идона кормандони Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб ва волонтёрон иштирок намуда, ба модарону бонувон 100 дона гулҳои баҳории сияҳгӯш ва инчунин, беш аз 1000 адад буклетҳои тарғиботиро, ки ба арҷгузорӣ ва бузургдошти мақому манзалати модар бахшида шудаанд, тақдим намуданд.

Зимни баргузории аксия бо модарон суҳбатҳои самимӣ анҷом дода шуда, онҳо аз фазои ором осудаи кишварамон изҳори шукргузорӣ намуда, ба ҷавонон барои анҷоми корҳои неку созанда дуои хайр намуданд.

Иштирокдорони аксия зикр намуданд, ки модар сарчашмаи меҳру муҳаббат ва тарбиятгари насли солиму ватандӯст мебошад. Таъкид гардид, ки эҳтирому қадршиносии модарон бояд на танҳо дар рӯзҳои ид, балки ҳамеша дар ҷомеа ҷойгоҳи махсус дошта бошад. Чунин иқдомҳои маънавию тарбиявӣ барои баланд бардоштани ҳисси эҳтиром ба модар ва арҷгузорӣ ба хизматҳои онҳо мусоидат менамоянд. Аксияи мазкур дар фазои идонаву самимӣ баргузор гардида, хотири модарону бонувонро шод гардонд.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ, "Ҳамрози халқ"**

# БОРИ МАЪНӢ БОФТА АЗ ТОРИ СУХАН...

**Равзанаи мукотаба бо ҳамсолонаш аз ҷумҳуриҳои бародар сабаб гардиду ӯ шумораҳои тозаи нашрияи “Пионери Тоҷикистон” ва маҷаллаи “Машъал”-ро бесаброна интизорӣ мекашид.**

Аз қазо тимми онҳо дар мусобиқаи мактабӣ оид ба футбол ғолиб омаду дар ин маврид матлабе дар рӯзномаи “Пионери Тоҷикистон” ба табъ расид, ки аз зуҳури қаламкаши ояндадор дарак медод. Дар он ҳафтаи хониш миёни хонандагону омӯзгорон суҳбат атрофи муаррифии мактаб аз минбари матбуоти марказӣ гарм буд ва ҳамин сон, аз он ба баъд пиру барно ӯро мухбир ном мебурданд. Ба иноятни ниятҳои неку таманно устодони солмандони он диёри нозанин, ҳаминак, 53 сол мешавад, ки бо тори сухан бори маънӣ мекашад.

Дар ноҳияи имрӯза Ҷалолиддини Балхӣ дар хонадони деҳқон ба дунё омадааст, ки зодмандон бо заҳмати заминкорӣ рӯзгори оиларо пеш мебурданд. Овони мактабхонии Саттор аҳли оилаи онҳо ба ноҳияи Хуросон сукунат ихтиёр намуданд ва ӯ таҳсилро дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 идома дод.

Баъди хатми таҳсилоти миёнаи умумӣ нахуст малакаи аксбардориро омӯхта, пас он мақолае навишта ба суроғаи рӯзномаи он вақт “Ҳақиқати Колхозобод” овардам, - риштаи суҳбатро мекушояд собиқадори матбуот Саттор Қарахонов. - Баъди ошноӣ аз муҳити эҷодӣ, раванди омода ва таҳияи хабару мақолаҳо ва масоили табъу нашр маро эҳсосоти бузурге фаро гирифта буд. Ҳамин сон, аз соли 1970 фаъолияти рӯзноманигориро оғоз бахшидам. Он замон сармуҳаррири рӯзномаи ноҳиявӣ Набиҷон Бегматов буд, ки баъдан дар ин вазифа рӯзноманигори хушсалиқа Амиршо Мунавваров таъйин гардид. Устод Амиршо Мунавваров аз шахсиятҳои донишманди замон, бо маҳорати суханвариву килки хушэъҷозашон миёни зиёиёну доираҳои хизматчиёни давлатӣ мақому эътибори баланд доштанд. Дар радифи сарвориҳои зиёди роҳбариву масъулиятҳои эҷодӣ ба тарбияву такмили касбияти мухбирони ҷавон аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир мекарданд. Ҳаминак, тӯли 55 соли аз он рӯзҳои накӯ ҳар бори навиштани хабару матлабе он суханони роҳнамои устод дар ҳушу гӯшам садо медиҳад: “Саттор, мушаххасу возеҳ навис, то мазмуни навиштаҳоят фаҳмо бошаду ба хонанда завқу ангезаи рӯзномахонӣ бахшида тавонад”.

Баъди се соли фаъолият ҳамроҳи ду тан аз ҳампешаҳояш бо азми хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба комиссариати ноҳияи Колхозобод муроҷиат намуданд. Гарчанде роҳбарияти комиссариат хоҳони ба таваққуф гузоштани хизмати ҳарбии мухбири ҳамкорашон буд, вале Саттор дар азмаш устувор монд, ки боист аз ин мактаби муҳими мардонагӣ баҳравар бошад. Бад-ин минвол хизмати ҳарбиро дар шаҳри Москва адо намуда, аз соли 1975 фаъолияти рӯзноманигориро дар нашрияи “Ҳақиқати Колхозобод” идома бахшид. Дар ин миён нашрияи вилоятии “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” таъсис ёфту дастандаркорон пайи дарёфти қаламкашони корозмӯда ба нашрияҳои ноҳиявӣ муроҷиат намуданд. Ҳамин тавр, Саттор Қарахонов фаъолияти минбаъдаи худро дар маркази вилоят идома бахшида, ҳамиинак, 51 сол мешавад, ки рисолати касбиро дар имрӯза рӯзномаи вилоятии “Хатлон” анҷом дода истодааст.



Дар соли аввали фаъолияти касбӣ дар рӯзномаи вилоятии он вақт “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа”, ки ҳафтае 5 маротиба бо теъдоди 52 ҳазор нусха ба табъ мерасид, мо шабонарӯзӣ ҳамагӣ чанд соат фурсат ёфта, сар дар мизу курсиҳои корӣ гузошта, шабро саҳар мекардем, - лаҳзае ба андеша фурӯ рафта иброз дошт мусоҳибам. - Як мушкили замонӣ дар фаъолияти ҳайати эҷодӣ он буд, ки рӯзномаи мо дар шаҳри Душанбе чоп мешуд ва агар ҳайати эҷодӣ як рӯзи истироҳатӣ дошт, котиби масъул он рӯзро ҳам пайи иҷрои масъулиятҳои идорӣ мебахшид. Дар чунин як муҳити пурташвишу тараддудҳои эҷодӣ сардабири рӯзномаи “Ҳақиқати Қӯрғонтеппа” устод Муқим Абдураҳмонов инсони солеҳ ва саводманду дурандеш, маслиҳатгару роҳнамои кормандон ва дастгиру такягоҳи боэътимоди ҳайати эҷодӣ буданд.

Дидору ошноӣ ва суҳбатҳои дилнишин бо мусаҳҳеҳи рӯзнома бонуи Ганҷина ба меҳру муҳаббат бадал ёфту рӯзе дилбастагии худро ба ҳампеша изҳор намуд. Дар он замон, ки марҳилаи шаҳрсозӣ дар маркази вилоят ба авҷи аъло расида буд, таъмини манзили истиқоматӣ барои хизматчиён ба вижа кормандони воситаҳои ахбори омма, тақозои замон буд. Аз ин рӯ, аз оғози ҳаёти мустақилона Саттор ва ҳамсараш соҳиби манзили як ҳуҷрагӣ шуданд ва баъди соҳиби фарзанд шуданашон оилаи қаламкашонро бо манзили сеҳуҷрагӣ таъмин намуданд. Гузори баҳрабардорӣ аз панди устодон ва таҷрибаи касбӣ ҳамрадифи воқеанигорӣ ҳам донишу касбияти хешро дар зинаи котиби масъули рӯзномаи “Хатлон” такмил дода, то имрӯз дар омода намудани ҳар шумораи ин нашрияи мардумписанд масъулияти муҳимро бар дӯш дорад. Илова ба фаъолияти пурсамари худ дар ин даргоҳи муқаддас, ҳамзамон, солиёни зиёде бо маҷаллаи “Хорпуштак” ва ҳафтаномаи “Чархи гардун” ҳамкорӣ дошта, дар рушду ташаккули ин нашрияҳо саҳми худро гузоштааст.

Ба андешаи устод Саттор Қарахонов рӯзноманигорӣ натанҳо касби пуршараф, балки ҳам масъулият асту рисолате, ки дар баробари маърифатнокиву мафкурасозӣ дар ҷомеа боист хонандаро бо афкори созандаву неруи сухан, ахлоқи ҳамидаву фарҳанги шоиста зистан биомӯзем. Шахси рӯзноманигорро ҷасорату иродаи устувор, сабру таҳаммулпазирӣ ва бозомӯзиву заковату ҳушмандӣ мебояд, то андар шебу фарозиҳои ин ҷодаи пурмасъулият ҳувияту ҳурияти худро ҳифз намояд.

“Ёд дорам, солҳои аввали фаъолият дар нашрияи вилоятӣ бо мақсади инъикоси раванди азхудкунии заминҳои водии Бешкент ба ноҳияҳои имрӯза Қубодиёну Шаҳритус ва Носири Хусрав сафарбар шуда будем. Рӯзона дар саҳрои корзор бо неруҳои коргарии иборат аз гурӯҳҳои “Зарбдор”-и тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ суҳбат бинмуда, бегоҳӣ ба зодбуми яке аз ҳамкоронамон ба ноҳияи Қубодиён бармегаштем. Рӯзе ронандаи мусофирбар бо далели тақозои роҳбарияти муассисаи нақлиётии минтақа аз мо “50 тин” барзиёд роҳкиро ситонид ва дар шумораи навбатии рӯзномаи вилоятӣ ин мавзӯи доғ инъикос гардид. Бовар, ки дар он солу замон ҳарфи матбуот ба ниҳояте таъсирбахшу мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифта, боиси аз мансаб барканор шудани масъулони соҳа мегардид. Ин буд, ки рӯзи дигар он ронандаи нақлиёти мусофирбар ба умеди аз кор ронда нашудан ба идораи нашрия омад. Биноан, сармуҳаррир маро барои таҳияи матлаби навбатӣ ба он муассисаи нақлиётӣ фиристоданд ва самараи матлаби дар мавзӯи нархи роҳкиро ин буд, ки ронанда натанҳо бекор намонд, балки бо иқдоми сардори муассисаи нақлиётӣ соҳиби нақлиёти нави мусофирбар гардид”.

Устод Саттор Қарахонов дар баробари рисолати таҳриру суфта кардани хабару матлабҳои мавриди нашр ҳамвора бо эҷоди матлабҳои андешасоз дар ташаккули афкори худшиносиву ватандӯстии ҷомеа ва роҳнамоии насли ҷавон ба зиндагии шоиста саҳм мегузорад. Бо шукргузорӣ аз рӯзгори осоишта ва эҳтирому эътибори ҳамкорон аз хизматҳои шоёни ӯ дар арсаи рӯзноманигорӣ изҳор медорад, ки; “Бо ташаббуси сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии “Хатлон” Носирҷон Маъмурзода ду маҷмӯаи иборат аз мақолаву очеркҳои эҷод бинмудаам бо номи “Шукрона” ва “Нома ба наслҳои оянда” ба табъ расида, пешкаши дӯстдорони китоб гардид”. Рӯзномаи вилоятии “Хатлон”, ки устод Саттор Қарахонов вазифаи котиби масъулро ба уҳда дорад, фарогири тамоми мавзӯъҳои рӯзмарраи вилояти Хатлон асту ҳафтае ду маротиба бо теъдоди 15 ҳазор нусха нашр гардида, пешкаши хонандагон мегардад. Дар ин боргоҳи муътабар Саттор гӯё Аттори замон аст ва ин марди хирад бо кӯлборе пур аз офаридаҳои насир мисоли як китобхонаи зиндаро мемонад, ки рисолаташ дар зиндагӣ дурри маънӣ суфтан аст. Ба ваҷҳи ҳол дар ҷодаи эҷод бо ному насаби аслӣ ва ҳам рамзҳои мустаори Соҳилӣ, Ахтар ва С. Аттор бешумор матолиб нигоштааст, ки маҷмӯи умумии маҳсули эҷодаш саршор аз меҳру муҳаббат ба меҳан, панду ҳикматҳои ҳидоятгари насли ҷавон, тарғиби афкори инсондӯстиву худшиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои ҳаётиву муқаддасоти миллату давлатдорист.

*Бори маънӣ бофта аз тори сухан,*
*Буди Саттор шуд Аттори сухан.*

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ТАБОБАТИ БОСИФАТ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР



**Имрӯзҳо дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ дар Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ корҳои назаррасу мақсаднок ба анҷом расонида мешаванд.**



Ин тадбирҳо дар доираи сиёсати иҷтимоии давлат, бахусус дар партави дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, ба беҳбудии вазъи соҳаи тандурустӣ ва таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ равона шудаанд.

Ба иттилои Холзода Азизулло, сардухтури Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ давоми соли сипаригашта дар муассисаи мазкур корҳои васеи таъмиру таҷдид анҷом дода шуда, тамоми шуъбаҳои беморхона аз таъмири ҷорӣ ва қисман асосӣ бароварда шудаанд. Дар натиҷа барои табибон ва беморон шароити нисбатан муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир фароҳам оварда шудааст.

Мавсуф зикр намуд, ки ҳадафи асосии ин тадбирҳо фароҳам сохтани муҳити мусоид барои ташхису табобат, боло бурдани сифати хизматрасонии тиббӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои аҳолӣ ба кумаки аввалияи тиббӣ мебошад. Ба гуфтаи ӯ, дар ҷараёни таъмиру таҷдид ба масъалаҳои беҳтар намудани утоқҳои муоина, ҳуҷраҳои бистарӣ, шуъбаҳои ташхисӣ ва утоқҳои кории кормандони тиббӣ диққати махсус зоҳир гардидааст.

Холзода Азизулло ҳамчунин аз он изҳори хушнудӣ намуд, ки Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат ба соҳаи тандурустӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Маҳз чунин ғамхориҳо ва сиёсати хирадмандона боис гардидааст, ки сол то сол сатҳи хизматрасонии тиббӣ беҳтар шуда, муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти муосир таъмин мегарданд.

Ба таъкиди сардухтур Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ айни замон аз 15 шуъба иборат буда, ҳар яке дар самти муайян ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Ин шуъбаҳо бо кадрҳои соҳибтаҷриба таъмин буда, табибон пайваста сатҳи дониш ва малакаи касбии худро такмил медиҳанд. Ҳамзамон, ҷиҳати ҷалби мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Дар идомаи суҳбат таъкид гардид, ки беҳтар гардидани заминаи моддию техникӣ имконият фароҳам овард, то хизматрасонии тиббӣ ба маротиб баланд бардошта шавад. Таҷҳизоти нав, катҳои муосири тиббӣ, беҳтар гардидани таъминоти барқу гармӣ ва обрасонӣ аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими давраи охир маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин, масъалаи риояи қоидаҳои санитарӣ-гигиенӣ ва таъмини бехатарии беморон зери назорати доимии роҳбарияти беморхона қарор дорад. Дар ин самт корҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандони тиббӣ ва беморон роҳандозӣ шуда, чораҳои пешгирикунандаи бемориҳои сироятӣ тақвият ёфтаанд.

Дар маҷмуъ, фаъолияти Беморхонаи марказии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ нишон медиҳад, ки соҳаи тандурустӣ дар ноҳия дар марҳилаи рушд қарор дошта, тадбирҳои амалишаванда ба беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамоянд. Бешубҳа, таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат ва заҳмати шабонарӯзии табибон омили асосии пешрафти соҳа ба ҳисоб меравад. Бо итминон метавон гуфт, ки минбаъд низ бо татбиқи барномаҳои давлатӣ ва дастгирии мақомоти маҳаллӣ хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия боз ҳам беҳтар гардида, саломатии аҳолӣ ҳамчун сарвати бебаҳои ҷомеа ҳифз ва ҳимоя хоҳад шуд. Корҳои анҷомёфта дар Беморхонаи марказӣ имкон фароҳам оварданд, ки сатҳи хизматрасонии тиббӣ мутобиқ ба талаботи замони муосир ба роҳ монда шавад. Дар ҷараёни таҷдид ба беҳтарсозии инфрасохтор, шароити нигоҳубини беморон ва муҳити кории кормандони тиббӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир гардидааст.

Бо фароҳам омадани шароити мусоид имконияти қабули саривақтии беморон ва расонидани ёрии тиббӣ васеъ шуд. Роҳбарияти муассиса масъалаи баланд бардоштани сифати хизматрасониро ҳамчун самти асосии фаъолият муайян намудааст.

Кормандони тиббӣ вазифаҳои хизматии худро бо масъулияти баланд иҷро менамоянд. Тадбирҳои андешидашуда ба таҳкими эътимоди аҳолӣ нисбат ба муассисаи тандурустӣ мусоидат менамоянд. Дар маҷмуъ, фаъолияти беморхона ба беҳдошти вазъи тандурустӣ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ равона гардидааст. Татбиқи чунин тадбирҳо дар доираи барномаҳои давлатии рушди соҳаи тандурустӣ роҳандозӣ гардида, ба таҳкими заминаи хизматрасонии тиббӣ равона шудааст.

Дар ҷараёни кор ба истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои дохилӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шудааст. Масъулони соҳа бар он назаранд, ки корҳои анҷомёфта ба болоравии сифати хизматрасонии тиббӣ таъсири мусбат мерасонанд. Бо беҳтар шудани шароити хизматрасонӣ қаноатмандии муроҷиаткунандагон тадриҷан афзоиш меёбад. Назорати фаъолияти шуъбаҳо ва иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ мунтазам ба роҳ монда шудааст. Ин тадбирҳо барои рушди минбаъдаи муассисаи тандурустӣ ва беҳдошти вазъи саломатии аҳолӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

Дар чунин шароит беморон худро таҳти нигоҳубини доимӣ ва ғамхории касбӣ эҳсос менамоянд. Фароҳам овардани муҳити тозаву муназзам ба беҳтар шудани равандҳои ташхису табобат мусоидат мекунад. Кормандони тиббӣ бо истифода аз имкониятҳои фароҳамшуда сатҳи масъулияти касбии худро боз ҳам баланд мебардоранд. Навсозии инфрасохтор фаъолияти шабонарӯзии шуъбаҳоро муназзам ва самаранок гардонидааст. Ин ҳама тадбирҳо нишонаи равшани таваҷҷуҳи пайваста ба ҳифзи саломатии аҳолӣ маҳсуб меёбанд. Беморхонаи марказӣ имрӯз ба як муассисаи боэътимод барои сокинони ноҳия табдил ёфтааст. Дар маҷмуъ, ин раванд ба таҳкими боварии шаҳрвандон нисбат ба соҳаи тандурустӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,**
**"Ҳамрози халқ"**

**АЗ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ИБТИДОӢ**

# МОДАР-ОЛИҲАИ МЕҲР ВА САРОҒОЗИ ЗИНДАГӢ

**МУЪМИНОБОД**

Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Муъминобод ҳамоиши идона бахшида ба Рӯзи модар таҳти унвони «Зан-Модар - олиҳаи меҳр ва сароғози зиндагӣ» баргузор гардид.

Дар ҳамоиш Ҷалилзода Сайрамбону, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия, Мирзобаротзода Салоҳиддин, муовини раиси ноҳия, Мирзошарифзода Сабоҳат, мудири бахши кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва занону духтарони фаъоли ноҳия иштирок намуданд.

Ҳамоишро Мирзобаротзода Салоҳиддин ифтитоҳ намуда, дар суханронии худ аз нақши бузурги занону бонувони тоҷик дар пешрафту тараққиёти кишвар ёдовар шуд.



Сипас, Ҷалилзода Сайрамбону зикр кард, ки модар рисолати бузурги зиндагиофаринӣ дошта, бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро меҷунбонад. Ҳамзамон, таъкид гардид, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба занону бонувон ҳамчун неруи бузурги ҷомеа такя намуда, ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи занон дар ҷомеа мунтазам тадбирҳои мушаххас меандешанд.

Мирзошарифзода Сабоҳат низ иброз дошт, ки занону духтарон дар эҳё ва рушди фарҳанги миллӣ саҳми арзанда дошта, дар тарғибу ташвиқи анъанаҳои неки ниёгон нақши муҳим мебозанд.

Чорабинӣ дар фазои идона ва бо шукргузорӣ аз сулҳу ваҳдати комили кишвар, ки орзуи аввалиндараҷаи занону модарон аст, ба анҷом расид.

# АЁДАТИ МОДАРОН ДАР РӮЗИ МОДАР



**А.ҶОМӢ**

Бо мақсади сазовор таҷлил намудани Рӯзи модар раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Амирзода Маҳмуд ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Қосимӣ Назокат ба аёдати модароне, ки синнашон аз 100 боло мебошанд, рафтанд.

Амирзода Маҳмуд зимни дидорбинӣ бо пирони рӯзгордида суҳбати самимӣ анҷом дода, саҳми онҳоро дар тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстиву худшиносӣ ва дарёфти роҳи дурусти зиндагӣ арзишманд арзёбӣ намуд.

Модарони рӯзгордида бо шукргузорӣ аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат, бахусус Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори хушнудӣ намуда, аз талошҳои Президенти кишвар дар таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва рушди Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ ёдовар шуданд ва дар ҳаққи Роҳбари давлату Тоҷикистони азиз дуоҳои нек карданд.

Раиси ноҳия нақши модаронро дар пешрафти ҷомеа баланд арзёбӣ намуда, зикр кард, ки дидорбиниву аёдати пирони рӯзгордида аз як тараф арҷгузорӣ ба хизматҳои шоистаи онҳо бошад, аз ҷониби дигар беҳтарин васила барои тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ва талқини меҳнати софдилона ба онҳо мебошад.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид намудаанд: «Пирони рӯзгордида ва дар обу оташи зиндагӣ обутобёфта давлати сари мо мебошанд. Ҳамаи мо вазифадорем, ки дар ҳаққи онҳо, то тавонем, ғамхорӣ намоем. Фаромӯш набояд кард, ки баробари кумаку ғамхорӣ ба маъюбону пиронсолон ва оилаҳои камбизоат мо, ба наврасону ҷавонон ва наслҳои ояндаи миллат сабақи раҳму шафқат ва инсондӯстиву қадршиносиро меомӯзем».

Дар фарҷом модарон бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд.

# ТАРҒИБУ ТАШВИҚИ ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТӢ

**ФАРХОР**



Ҷиҳати иҷрои нақшачорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор ва дар доираи корҳои тарғиботӣ бо усули «Мактаб ба мактаб» дар муассисаҳои таълимии ноҳия бо хонандагони синфҳои болоӣ мулоқоту корҳои тарғиботӣ баргузор гардид.

Намояндагони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб зимни суханронӣ иброз доштанд, ки имрӯз ҷавонони далеру шуҷои миллат барои ҳифзи Ватани маҳбубамон-Тоҷикистони соҳибихтиёр, инчунин барои ободии сарзамини аҷдодӣ ва пешрафти давлати соҳибистиқлол омодаанд бо маҳорати баланди касбии сарбозӣ ба халқу Ватан содиқона хизмат кунанд ва ҳимояи манфиатҳои миллату давлат ва марзу буми кишварро қарзи фарзандӣ ва вазифаи муқаддаси худ шуморанд.

Таъкид гардид, ки омодагии ҷавонон ба хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба сатҳу сифати тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии онҳо вобастагии зич дорад. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ яке аз ҷанбаҳои муҳими тарбияи ҷавонон ба ҳисоб рафта, ҳадафи он бедор намудани эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносӣ, садоқат ба Ватан, муҳаббат ба сарзамини аҷдодӣ, инчунин парвариши ҷасорат, шуҷоат ва ҳисси шарафу номус дар дили насли ҷавон мебошад.

Зикр шуд, ки барои ҷавонон яке аз мактабҳои муҳими обутоби зиндагӣ хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат аст. Дар ҳамин ҷо ҷавонон шуҷоату мардонагиро меомӯзанд ва муқаддастарин арзиши ҳаёт, дӯст доштани Ватан ва содиқона ҳифз намудани хоки поки онро дарк менамоянд.

# МАЪРАКАИ НИҲОЛШИНОНӢ



**ҚУБОДИЁН**

Бо мақсади сазовор таҷлил намудани Наврӯзи байналмилалӣ ва 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар доираи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ», инчунин иқдоми ҳизбӣ таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» дар ташкилоти ибтидоии Маҷмааи тандурустии «Дӯсти Халқҳо»-и ноҳияи Қубодиён маъракаи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Кормандон, аъзои ташкилоти ибтидоии мазкур бо руҳияи баланди ватандӯстӣ дар ин иқдоми нек фаъолона ширкат варзида, саҳми худро дар корҳои ободонӣ ва зебо гардонидани муҳити атроф гузоштанд.

Дар ҷараёни маърака зиёда аз 2000 бех гул, аз ҷумла 1000 бех садбарг ва 1000 бех гулҳои мавсимӣ шинонида шуд.

Чунин ташаббусҳо дар зебо гардонидани муҳити зист, баланд бардоштани фарҳанги шаҳрнишинӣ ва тақвияти ҳисси масъулияти шаҳрвандон нисбат ба ободонии диёр нақши муҳим доранд.

# АЁДАТИ МОДАРИ 102-СОЛА

**ЁВОН**



Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон аёдати модари 102-сола, сокини Ҷамоати деҳоти ба номи Гулсара Юсупова, баргузор гардид.

Дар ин иқдоми идона Меҳроҷи Абдулҳаким, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ва кормандони Кумитаи иҷроияи ноҳиявии ҳизб иштирок намуда, аз ҳолу аҳволи модари рӯзгордида пурсон шуданд.

Зимни суҳбат таъкид гардид, ки қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба хизматҳои насли калонсол ва эҳтиром ба модарон яке аз арзишҳои волои миллӣ ба ҳисоб рафта, ҳамеша зери таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Модарони рӯзгордида бо таҷрибаи бойи зиндагӣ, меҳнати ҳалол ва тарбияи фарзандони солеҳ барои ҷомеа намунаи ибрат мебошанд.

Дар фарҷом ба модари гиромӣ туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуда, изҳори боварӣ карда шуд, ки чунин иқдомҳои инсондӯстона минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Абдулло Раҳмонзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ,** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **viloyat@hhdtkhatlon.tj**

E-mail:
**info@hhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.

